# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Сайдалиева Муҳайё Хостихудоевна дар мавзӯи “Таҳлили вижагиҳои забонии нутқи кӯдак” барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020500 – Филология**

Онтолингвистика як қисмати илми забоншиносӣ буда, аз забоншиносии равонӣ сарчашма гирифта, баъдан ҳамчун илми ҷудогона шинохта шудааст. Илми онтолигвистика ташаккули нутқ ва фаъолияти гуфтории кӯдаконро аз синни якмоҳагӣ то синни шашсолагӣ мавриди омӯзиш қарор медиҳад.

Илми онтолингвистика чун яке аз илмҳои нав дар кишварҳои гуногун омӯхта шудааст, вале илми мазкур то ҳанӯз аз ҷониби олимони тоҷик ба ҳайси мавзӯи мубрами илмӣ матраҳ нагардидааст. Аз ин лиҳоз, мавзӯи рисолаи илмии Сайдалиева Муҳайё Хостихудоевна ба таҳлилу таҳқиқи шаклгирии лингвистии нутқи кӯдак, заминаҳои ташаккули низоми фонетикӣ-фонологӣ, луғавӣ ва сарфию наҳвии кӯдакони дар муҳити тоҷикӣ ба воя расида бахшида шуда, дорои аҳамияти илмӣ мебошад.

Омилҳои асосии арзиши илмии рисоларо метавон чунин нишон дод:

1.Бори нахуст дар рисола шаклгирии нутқи кӯдак ба таври густарда ва бунёдӣ мавриди таҳқиқ қарор гирифта шудааст.

2. Омилҳои фарогири забони кӯдакон, вижагиҳои овозӣ, сарфиву наҳвӣ, луғавӣ ва калимасозиву қаринасозӣ дар рисола баррасӣ гардидааст.

3. Бори нахуст дар забоншиносии тоҷик ба воситаи таҷрибаи хотиранависӣ (муттасил) ва ба тариқи пурсиш (анкетапуркунӣ) шаклгирии нутқи кӯдак мавриди омӯзиш қарор дода шудааст.

Инчунини дигар, дар рисола методҳои таҳлилӣ, тасвирӣ ва муқоисавӣ истифода гардида, таҳқиқу баррасии мавзӯи диссертатсионӣ дар асоси методи синхронӣ сурат гирифтааст. Дар баробари ин, бо такя ба усули

таҳлилӣ, аз тарафи унвонҷӯ, шаклгирии овозҳо ва ташаккули фонди луғавии кӯдакон мавриди таҳқиқ қарор гирифта шудааст.

Дар баробари беҳбудиҳо дар автореферат баъзе камбудиҳо ба назар мерасанд, ки аз ҷумлаи онҳо: аз тарафи муаллиф роҳ додан ба баъзе хатогиҳои техникӣ ва орфографӣ ва ҳангоми овардани маълумот дар бораи дараҷаи омӯзиши мавзӯъ нишон надодани иқтибосот (саҳ.3,4,5) мебошанд.

Хатогиҳои номбурда ба моҳияти илмии рисола таъсир нарасонида, барои беҳтар сохтани сифати кори илмӣ хизмат менамоянд.

Дар маҷмӯъ, рисолаи илмии Сайдалиева Муҳайё Хостихудоевна дар мавзӯи “Таҳлили вижагиҳои забонии нутқи кӯдак” ба тамоми талаботи пешниҳодгардидаи барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020500 – Филология ҷавобгӯ буда, унвонҷӯ Сайдалиева Муҳайё Хостихудоевна барои дарёфт намудани дараҷаи мазкур сазовор дониста мешавад.

**Доктори илмҳои филологӣ, профессори**
**кафедраи Забони тоҷикии Донишгоҳи давлатии**
**Хоруғ ба номи М.Назаршоев** **Абодуллоева С.Ю.**

**Суроға: 736000,Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Хоруғ, кӯчаи Иҷубов 134;**
**E-mail: safina.abodulloeva77@bk.ru**
**Тел: (+992) 935342621**

**Имзои профессор Абодуллоева С.Ю.-ро**
**тасдиқ мекунам, сардори раёсати кадрҳо**
**ва корҳои махсуси ДДХ ба номи М.Назаршоев** **Шабдолов Қ.**